**Тақризи**

**беруна ба фишурдаи рисолаи диссертатсионии Абдуқодирзода Саидмукаррам "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01.- Адабиёти тоҷик**

Дар адабиётшиносии чӣ даврони шӯравӣ ва чӣ истиқлолияти тоҷик мавзӯи муртабит бар суннати тафсирнигории Қуръон аз мавзӯоти мубраму муҳим ҳисобида шуда, дар ин замина осори таҳқиқии ниҳоят кам рӯйи кор омадаанд. Агарчи кутуби тафсирии аҷдоди тоҷикон дар иртибот бар каломуллоҳ басо зиёд таълиф гардидаанд ва агарчи тафсирнигорӣ дар олами улуми исломӣ худ аз обоёни мо оғоз гардидааст, аммо баррасиву таҳқиқи илмии ин кутуб дар илми адабиётшиносӣ басо нодир аст. Бинобар ин, метавон гуфт, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуқодирзода Саидмукаррам, ки зери унвони "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ" анҷом дода, дар ҳақиқат, наву актуалӣ маҳсуб мешавад.

Дар қисмати тавсифоти фишурдаи рисолаи диссертатсионӣ муаллиф аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, усул ва равиши таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо дарҷ намуда, бад-ин васоил, пояҳои илмии таҳқиқоти хешро устувор намуда, мубрамӣ ва муҳиммии мавзӯи интихобнамудаашро баррасӣ намудааст. Он чи ки дар ин замина шоистаи таваҷҷуҳ аст, нукоти ироанамудаи муаллифи фишурда барои ҳимоя мебошанд, ки дар иҳтивои 9 банд дарҷ гаштаанд. Ин нуктаҳо ба таври басо муҷаз, дақиқ ва равшану возеҳ баррасӣ гардидаанд. Кӯшишҳое ҳам, ки муаллифи фишурда дар иртибот бо табйин ва ташхиси дараҷаҳо ва сутӯҳи таҳқиқи мавзӯи интихобнамудаи худ карда,

шоистаи ёдовариянд, чун дар шиносой бо ин қисмати фишурда барои аҳли таҳқиқ чигунагии раванди таҳқиқи масоили суннати тафсирнигорӣ дар адабиётшиносии тоҷик равшан хоҳад шуд.

Чунонки аз фишурдаи рисолаи диссертатсионӣ дида мешавад, он фарогири муқаддима, се боб, 16 фасл ва зерфаслҳои морабти ин фусул, хулоса ва қисмати китобнома мебошад. Муаллиф дар ҳар боб кӯшида нуқтаи биниши хешро ба мавзӯи зирабт мутамарказ намуда, аз ҳудуди он чӣ дар нақшаи кор масбут гардида, убур нанамояд. Дар боби якуми рисола зиндагинома, таҳсилот ва касби камол, ҷаҳонбинӣ, шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабӣ, мероси илмиву адабии Ҳусайни Кошифӣ баррасӣ гардидаанд. Ин бобро метавон аз ақсоми муаррифномаи адиб ва олими номвар баршуморид. Як хасиса, ки дар боби мазкур ба чашм мерасад, борикбиниву диққати назари муаллиф мебошанд, ки дар саропойи фаслҳо эҳсос мешавад. Муаллиф ба василаи ин хасисаи пажуҳишии хеш чеҳраи хонаводагӣ, иҷтимоӣ, фарҳангиву адабӣ ва илмии Ҳусайн Воизи Кошифиро ба таври басо муфассал кушода, онро барои ҳар хонанда, ба хусус, аҳли таҳқиқ равшан намудааст.

Боби дувум ба суннату анъанаи тафсирнигории тоҷикӣ ё собиқаи тафсирнигорӣ ба забони тоҷикӣ ихтисос ёфтааст. Муаллиф дар маҳсураи чаҳор фасли боби мазкур тавониста, то дар хусуси асоситарин авомил ва вуҷӯҳоту мӯҷиботи ба вуҷуд омадани тафосири Қуръон ба забони тоҷикӣ қалами истеҳқоқ бифарсояд. Дар иртибот бар ин, муаллиф роҷеъ ба тафсир ва чигунагии он, шахсияти тафсирнигор ва хасисаҳои фардиву равонии вай, заминаҳои фикриву андешавии шахси муфассир, тааммуқ дар маонии вожаи тафсир, мушобиҳат ва қиёси тафсир, табйин ва танзил аз нигоҳи илмҳои бадеъ ва қуръоншиносӣ, навъҳои тафсир, собиқаи тафсирнигорӣ то вуруди Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба саҳнаи илму адаби форсӣ-тоҷикӣ, тафосири арабӣ ва форсӣ, тарҷумаи тафосир аз арабӣ бар форсӣ ва монанди инҳо таҳқиқот бурдааст.

Аммо, бо ин ки боби мазкур аз абвоби зиҳимати кори муаллиф маҳсуб мешавад, меҳвари таҳқиқоти муаллиф иртибот бар боби анҷомин, яъне сеюм дорад. Дар боби сеюм афкору ақоиди назарии худи Ҳусайн Воизи Кошифӣ вобаста ба кутуби илмии вай, хусусан, тафосири ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ин бобро метавон аз ақсоми калидии таҳқиқоти муаллиф эътироф намуд, чун дар ҳамин боб аст, ки вай дар хусуси тафсирҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ бар Қуръон, аз ҷумла оид ба "Мавоҳиби Алийя" ё "Тафсири Ҳусайнӣ", сарчашмашиносии асари мазбур, арзишҳои илмиву адабии тафсирномаи мазбур, дар иртибот бар ин, истифодоти ашъори арабиву форсӣ дар тафсир, истиқбол аз ақоиди арбоби таҳқиқ, чигунагии овардани амсилаи шоҳид аз қиссаҳои анбиё, гуфтори сӯфия ва урафо ва монанди инҳо таҳқиқоти арзишманд бурдааст.

Агарчи дар се боби кор муаллиф роҷеъ ба мавзӯоти басо муҳим дар тафсирнигории форсӣ-тоҷикӣ, савобиқи илми тафсирнигорӣ ва тафсирнигории Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳқиқот бурда ва ин таҳқиқоти ӯро метавон аз зумраи наводир дар ин мавзӯъ ҳисоб намуд, аммо дар иртибот бар мавзӯи интихобнамудаи муаллифи рисола масоил ва матолиби зиёди дигарро метавон пешниҳод намуд, ки рӯй овардан бар онҳо ва ё истиқбол гирифтани онҳо дар мукаммалтар гаштани мавзӯъ хидмат хоҳанд кард. Аз ҷумла, табйин ва ташхиси ҳунари нависандагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнигорӣ, истифода аз васоити тасвири бадеӣ дар баёни матолиби илмӣ, сабки гуфтор ва услуби нигориши Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таълифи осори тафсирии хеш, баррасӣ ва табйини шохисаи навъӣ ё жанрии осори тафсирии адиб, нигоҳи оморӣ бар матолиби тафсири ӯ (дар нигоҳ бар оёт, аҳодис, суханони орифону сӯфиён, ашъори шоирон) ва монанди инҳо аз мавзӯот ва матолибе мебошанд, ки муаллифи рисола метавонад дар рӯйи онҳо минбаъд назари таҳқиқ бидӯзад.

Агарчи ба ҷиҳати иҷтиноб аз мавзӯоти назири боло халои нисбие дар таҳқиқоти муаллифи рисолаи диссертатсионӣ эҳсос мешавад, аммо он ба ҳеҷ ваҷҳ мӯҷиби костагӣ ва кам гаштани арзиши илмии рисола нагаштааст; зеро мавзӯи интихобкардаи муаллифи рисола ва афкору ақоиде, ки вай дар зимни таҳқиқоти хеш иброз доштааст, аз нудрату беназирӣ гувоҳӣ медиҳанд ва дар ин бобат наву тозаанд. Муаллифи рисола метавонад дар таҳқиқоти минбаъдаи хеш ба мавзӯоти фавқуззикр руҷӯъ карда, бад-ин кӯшиш бар ҳусну камоли кори хеш бияфзояд.

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки фишурдаи рисолаи диссертатсионии Абдуқодирзода Саидмукаррам "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ" дар риоят ва мутобиқати меъёрҳо ва қоидаҳои пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

*Д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ:* *Саидҷаъфаров О.Ш.*

*Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.- ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори шуъбаи кадрҳои ДДМИТ* *Раҷабов Б.С.*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ